## Ҷанбаи дуюми масъалаи асосии фалсафа




Дар вобастагӣ бо ҷанбаи дуюми масъалаи асосии фалсафа - масъала оиди маърифатпазирии олам, низ нуқтаи назарҳои гуногун вуҷуд доранд. Бештар файласуфон ва мардуми оддӣ низ ба ин савол ҷавоби мусбӣ медиҳанд. Аммо гурӯҳе мавҷуд ҳастанд, ки маърифатпазирии оламро қабул надошта, имконияти ақли инсониро барои дарки олам маҳдуд меҳисобанд. Касоне, ки маърифатпазирии оламро инкор доранд, **агностикҳо** ва равияашон **агностисизм** ном дорад.